ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМХУРИИ ТОҶИКИСТОН

734025, ш.Душанбе, к.Шевченко, 69,
тел. ( 3772 ) 21-18-35, Факс ( 3772 ) 21-25-75

734025, ш. Душанбе, хиёбони А.К. Раҷабовҳо 3,
тел: (372) 221- 64 -10, факс (372) 221-33-29

# ФАРМОИШ

аз «28» 03 соли 2019, №193 аз «28» 03 соли 2019, №44

шаҳри Душанбе

Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба фармоиши якҷояи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 ноябри соли 2014, №938-135

190.010.060.

Мутобиқи моддаи 56 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон»,

## ФАРМОИШ МЕДИҲЕМ:

1. Ба «Қоидаҳои ҳампардохти хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ», ки бо фармоиши якҷояи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 ноябри соли 2014, №938-135 тасдиқ шуда, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 18 декабри соли 2014, 775 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, тағйиру иловаҳои зерин илова карда шавад:

- аз муқаддимаи «Қоидаҳои ҳампардохти хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ» калимаҳои «ва сархати панҷуми банди 2, боби 1 «Стратегияи маблағгузории соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2005-2015», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 майи соли 2005, №171» хориҷ карда шавад;
- дар банди 23 баъд аз калимаи “мурочиат менамоянд,” калимаҳои “ба истисноӣ гурӯҳҳои имтиёздор” илова карда шавад;
- дар банди 24 баъд аз калимаи «табобатӣ» калимаҳои «ва усулҳои ташхисии зарурӣ» илова карда шавад;
- банди 40 дар таҳрири нав ифода карда шавад:

а) пардохти музди меҳнати кормандон ва маблағҷудокуниҳои андозӣ (то 40 фоиз пас аз бо пурраги таъмин намудани ташхис ва табобати бемор, инчунин, аз ҳисоби маблағи иловагии фонди музди меҳнат то 85 фоиз ба

кормандони тиб ва то 15 фоиз ба кормандони маъмурӣ ва хоҷагӣ равона карда мешавад);

б) захираҳои моддию молӣ:

-молҳои конселярӣ ва маводи дарсӣ;

-молҳо ва инвентари хоҷагидорӣ;

-масолеҳи масрафӣ;

-инвентари мулоим ва либоси расмӣ;

-доруворӣ, воситаҳои басту банд;

в) маводи сӯхт ва равғанҳои молиданӣ;

г) хароҷоти ҷорӣ ба ғайр аз таъмир;

-таълим ва таҷдиди таълими кормандон;

-тайёр кардани мукофотҳо, гувоҳномаҳо, медалҳо, сиккаҳо ва хариди тухфаҳо;

-хароҷот оиди комиссияи бонкӣ;

д) таъмири ҷорӣ;

е) пардохти хизматрасониҳои мутахассисон;

ё) пардохт барои хизматрасониҳои коммуналӣ;

ж) пардохт барои хизматрасониҳои алоқа;

з) дигар молу хизматрасониҳои ба категорияҳои дигар мансубнашуда;

и) маблағҷудокуниҳо аз даромадҳо оид ба маблағҳои махсус;

к) мошинҳо ва таҷҳизот;

л) фондҳои асосии ғайримоддӣ.

2. Ба Замимаи 1 «Қоидаҳои ҳампардохти хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ», ки бо фармоиши якҷояи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 ноябри соли 2014, №938-135 тасдиқ шуда, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 18 декабри соли 2014, 775 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шавад:

- сархати якум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«-иштирокчиён ва маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, шахсони ба онҳо баробаркардашуда, аз ҷумла иштирокчиён ва маъюбони ҳимояи сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

- сархати шашум дар тахрири зерин ифода карда шавад:

«-гурӯҳҳои шахсоне, ки бар асари фалокати нерӯгоҳи барқи атомии Чернобил зарар дидаанд»;

- сархатҳои нави ҳабдаҳум ва ҳаждаҳум илова карда шаванд:

«- қурбониёни савдои одамон ва ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила (дар марҳилаи аввали сар задани ҳолат);

-муоинаи ҳатмии тиббии шахсони никоҳшаванда».

3. Ба Замимаи 2 «Қоидаҳои ҳампардохти хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ», ки бо фармоиши якҷояи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 ноябри соли 2014, №938-135 тасдиқ шуда, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 18 декабри соли 2014, 775 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шавад:

- банди 1 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«-иштирокчиён ва маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, шахсони ба онҳо баробар карда шуда, аз ҷумла иштирокчиён ва маъюбони ҳимояи сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

- бандҳои 17 ва 18 дар таҳрири зерин илова карда шаванд:

| | | |
|---|---|---|
| 17. | Қурбониёни савдои одамон ва ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила (дар марҳилаи аввали сар задани ҳолат) | Маълумотномаи комиссияи байниидоравӣ ва ё комиссияҳои ҳудудии ҷои истиқомат |
| 18. | Муоинаи ҳатмии тиббии шахсони никоҳшаванда | Маълумотномаи сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ маҳалли зист |

4. Ба Замимаи 4 «Қоидаҳои ҳампардохти хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ», ки бо фармоиши якҷояи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 ноябри соли 2014, №938-135 тасдиқ шуда, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 18 декабри соли 2014, 775 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, дар таҳрири нав тасдиқ карда шавад:

| **№ р/т** | **Гурӯҳбандӣ аз рӯи самти беморӣ ва гурӯҳҳои махсус хароҷотшаванда** | **Нарх (бе назардошти усулҳои ташхисии зарурӣ) (бо сомонӣ)** | |
|---|---|---|---|
| | | **100%** | **80%** |
| 1. | Ҷарроҳияи калонсолон (ҷарроҳиҳои ҳуфравӣ) | 700 | 560 |
| 2. | Ҷарроҳияи калонсолон (ҷарроҳиҳои ғайриҳуфравӣ ва дигар амалиётҳои ҷарроҳӣ) | 530 | 425 |
| 3. | Ҷарроҳияи кӯдакон (ҷарроҳиҳои ҳуфравӣ) | 640 | 510 |
| 4. | Ҷарроҳияи кӯдакон (ҷарроҳиҳои ғайриҳуфравӣ ва дигар амалиётҳои ҷарроҳӣ) | 430 | 345 |
| 5. | Бемориҳои дарунӣ | 500 | 400 |
| 6. | Бемориҳои кӯдакона | 450 | 360 |
| 7. | Акушерӣ бо истифодаи амалиёти ҷарроҳӣ | 475 | 380 |
| 8. | Гинекология | 425 | 340 |
| 9. | Кӯмаки таваллудкунӣ | 350 | 280 |
| Ҳамагӣ (бе гурӯҳҳои махсусан хароҷотнок) | | 500 | 400 |
| 10. | Гурӯҳҳои махсусан хароҷотнок | 1700 | 1360 |
| Ҳамагӣ (бо гурӯҳҳои махсусан хароҷотнок) | | 620 | 495 |

5. Аз муқаддимаи «Дастурамал дар бораи маблағҳои махсуси муассисаҳои системаи давлатии тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо фармоиши якҷояи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 ноябри соли 2014, №938-135 тасдиқ шуда, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 18 декабри соли

2014, 775 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, калимаҳои «ва сархати панҷуми банди 2, боби 1 «Стратегияи маблағгузории соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2005-2015», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 майи соли 2005, №171 тасдиқ шудааст» хориҷ карда шавад.

6. Сарраёсату раёсатҳои молия ва тандурустии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, беморхонаҳои марказӣ ва шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, инчунин, муассисаҳои давлатии табобатию пешгирии ҷумҳуриявӣ фармоиши мазкурро ба роҳбарӣ гирифта, татбиқи онро таъмин намоянд.

7. Фармоиши мазкур тибқи тартиби муқарраргардида барои бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуда, пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

8. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи Раёсати иқтисодӣ ва банақшагирии буҷети соҳаҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сарраёсати буҷети давлатии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шавад.

| | |
|---|---|
| Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ____________________ Н. Олимзода | ____________________ Ф. Қаҳҳорзода |

МИНИСТЕРСТВО ЗДРАВООХРАНЕНИЯ И СОЦИАЛЬНОЙ ЗАЩИТЫ НАСЕЛЕНИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

МИНИСТЕРСТВО ФИНАНСОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

734025, г.Душанбе, ул.Шевченко, 69,
тел. ( 3772 ) 21-18-35, Факс ( 3772 ) 21-25-75

734025, г. Душанбе, проспект А.К. Раджабовых 3,
тел: (372) 221- 64 -10, факс (372) 221-33-29

# РАСПОРЯЖЕНИЕ

от «28» 03 2019 года, №193 от «28» 03 2019 года, №47

г. Душанбе

О внесении изменений и дополнений
в совместное распоряжение Министерства
здравоохранения и социальной защиты населения
Республики Таджикистан и Министерства финансов
Республики Таджикистан от 5 ноября 2014г., №938-135

190.010.060.

В соответствии статьи 56 Закона Республики Таджикистан «О нормативных правовых актах Республики Таджикистан»

## РАСПОРЯЖАЕМСЯ:

1. В «Правила cooплаты медико-санитарной помощи гражданам Республики Таджикистан в учреждениях государственной системы здравоохранения», утвержденные совместным распоряжением Министерства здравоохранения и социальной защиты населения Республики Таджикистан и Министерства финансов Республики Таджикистан от 5 ноября 2014 года №938-135 и зарегистрированного в Министерство юстиции Республики Таджикистан от 18 декабря 2014 года, 775, внести следующие изменения и дополнения:

- с преамбулы «Правил cooплаты медико-санитарной помощи гражданам Республики Таджикистан в учреждениях государственной системы здравоохранения» исключить слова «и подпункт 5 пункта 2 главы 1 «Стратегии финансирования здравоохранения Республики Таджикистан на 2005-2015 годы», постановления Правительства Республики Таджикистан от 10 мая 2005 года, № 171»;

- в пункте 23 после слова «обращаются» добавить слова «за исключением льготной категории»;

- в пункте 24 после слова «лечение» добавить слова «и необходимые методы исследования»;

- пункт 40 изложить в новой редакции:

а) оплата труда работников и налоговые отчисления (до 40 процентов после полного обеспечения больного диагностикой и лечением, а также из

фонда дополнительной заработной платы направляется до 85 процентов медицинским работникам и до 15 процентов административно-управленческому и хозяйственным работникам);

б) товарно-материальные запасы:

-канцелярские товары и учебные пособия;

-хозяйственные товары и инвентарь;

-расходные материалы;

-мягкий инвентарь и обмундирование;

-медикаменты, перевязочные средства;

в) горюче - смазочные материалы;

г) текущие расходы, кроме ремонта:

-обучение и переобучение персонала;

-изготовление наград, сертификатов, медалей, монет и приобретение подарков;

-расходы на банковскую комиссию;

д) текущий ремонт;

е) оплата услуг специалистов;

ё) оплата за коммунальные услуги;

ж) оплата за  услуги связи;

з) товары и услуги не отнесенные к другим категориям;

и) отчисления от доходов по специальным средствам;

к) машины и оборудование;

л) нематериальные основные фонды.

2. В Приложении 1 «Правила сооплаты медико-санитарной помощи гражданам Республики Таджикистан в учреждениях государственной системы здравоохранения», утвержденных совместным распоряжением Министерства здравоохранения и социальной защиты населения Республики Таджикистан и Министерства финансов Республики Таджикистан от 5 ноября 2014 года №938-135 и зарегистрированных в Министерстве юстиции Республики Таджикистан от 18 декабря 2014 года, 775 внести следующие изменения и дополнения:

- первый абзац изложить в следующей редакции:

«Участники и инвалиды Великой Отечественной войны, приравненные к ним лица, в том числе участники и инвалиды защиты конституционного строя Республики Таджикистан»;

- шестой абзац изложить в следующей редакции:

«Граждане, пострадавшие вследствие аварии на Чернобыльской АЭС»;

- добавить новые абзацы семнадцать и восемнадцать:

«-жертвы торговли людьми и жертвы бытового насилия (на первом этапе сложившегося положения);

-обязательные медицинские осмотры вступающих в брак».

3. В Приложении 2 «Правил сооплаты медико-санитарной помощи гражданам Республики Таджикистан в учреждениях государственной системы здравоохранения», утвержденных совместным распоряжением Министерства здравоохранения и социальной защиты населения Республики Таджикистан и Министерства финансов Республики Таджикистан от 5 ноября 2014 года №938-135 и зарегистрированных в Министерстве юстиции Республики

Таджикистан от 18 декабря 2014 года, 775, внести следующие изменения и дополнения:

- пункт 1 изложить в следующей редакции:

«-участники и инвалиды Великой Отечественной войны, приравненные к ним лица, в том числе участники и инвалиды защиты конституционного строя Республики Таджикистан»;

- добавить пункты 17 и 18 изложить в следующей редакции:

| | | |
|---|---|---|
| 17. | Жертвы торговли людьми и жертвы бытового насилия (на первом этапе сложившегося положения) | Справка межведомственная комиссия или территориальной комиссии по месту жительства |
| 18. | Обязательные медицинские осмотры вступающих в брак | Справка отдела заключения актов гражданского состояния (ЗАГС) по месту жительства |

4. Приложение 4 «Правила сооплаты медико-санитарной помощи гражданам Республики Таджикистан в учреждениях государственной системе здравоохранения», утвержденных совместным распоряжением Министерства здравоохранения и социальной защиты населения Республики Таджикистан и Министерства финансов Республики Таджикистан от 5 ноября 2014 года №938-135 и зарегистрированного в Министерстве юстиции Республики Таджикистан от 18 декабря 2014 года, 775 изложить в следующей редакции

| **№ п/п** | **Группировка по профилю заболевания и особо затратным группам** | **Стоимость (за исключением основные методы исследования) (в сомони)** | |
|---|---|---|---|
| | | **100%** | **80%** |
| 1. | Хирургия взрослая (полостные операции) | 700 | 560 |
| 2. | Хирургия взрослая (неполостные операции и другие хирургические вмешательства) | 530 | 425 |
| 3. | Хирургия детская (полостные операции) | 640 | 510 |
| 4. | Хирургия детская (неполостные операции и другие хирургические вмешательства) | 430 | 345 |
| 5. | Терапия | 500 | 400 |
| 6. | Педиатрия | 450 | 360 |
| 7. | Акушерство (с применением операционного вмешательства) | 475 | 380 |
| 8. | Гинекология | 425 | 340 |
| 9. | Родовспоможение | 350 | 280 |
| Всего (без учета особо - затратных групп) | | 500 | 400 |
| 10. | Особо - затратные группы | 1700 | 1360 |
| Всего ( с учетом особо - затратных групп) | | 620 | 495 |

5. С преамбулы «Инструкции о специальных средствах государственных учреждений системы здравоохранения Республики Таджикистан», утвержденной совместным распоряжением Министерства здравоохранения и социальной защиты населения Республики Таджикистан и Министерства финансов Республики Таджикистан от 5 ноября 2014 года №938-135 и зарегистрированной в Министерстве юстиции Республики Таджикистан от 18 декабря 2014 года, 775 исключить слова «и подпункт 5 пункта 2 главы 1 «Стратегии финансирования здравоохранения Республики Таджикистан на 2005-2015 годы», утвержденной постановлением Правительства Республики Таджикистан от 10 мая 2005 г., №171».

6. Главным управлениям и управлениям финансов и здравоохранения Горно-Бадахшанской автономной области, областей, города Душанбе, центральных больниц и учреждений первичной медико-санитарной помощи, городов и районов республиканского подчинения, а также республиканских государственных медицинских учреждений, принять к руководству данное распоряжение и обеспечить его реализацию.

7. Настоящее распоряжение представить в Министерство юстиции Республики Таджикистан для государственной регистрации в установленном порядке и обеспечить его реализацию после государственной регистрации и официального опубликования.

8. Контроль за исполнением данного распоряжения возложить на Управление экономики и планировании бюджета здравоохранения и социальной защиты населения Министерства здравоохранения и социальной защиты населения Республики Таджикистан и Главное управление государственного бюджета Министерства финансов Республики Таджикистан.

Министр здравоохранения
и социальной защиты населения
Республики Таджикистан
______________________
Н. Олимзода

Министр финансов
Республики Таджикистан
______________________
Ф. Каххорзода